**Суратмаҷлиси №6**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №23/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Олимиён Сабрина Шамсулло** дар мавзуи **«Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ.М., аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллозода М.А. ва Муқимов М.А. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015) барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Саидмуроди Хоҷазод –** доктори илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Раҳимҷон Хушдил –** номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 15.09.2022, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.